Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-044-и назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33)

**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалӣ дар мавзӯи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, қонунгузорӣ ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст.**

Мақомоти прокуратура яке аз ниҳодҳои муҳими давлатӣ-ҳуқуқӣ буда, дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши басо муҳимро иҷро менамояд. Дар назди прокуратура вазифаи таъмин намудани волоияти қонун, ягонагӣ ва таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин ҳимояи манфиатҳои ҷамъият ва давлат гузошта шудааст, ки бо онҳо мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура муайян карда мешавад. Мақоми маъмурӣ-ҳуқуқии прокуратура қисми таркибии мақоми умумиҳуқуқии он буда тасдиқ менамояд, ки прокуратура дорои аломатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ буда, бо ваколатҳои махсуси худ аз дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ фарқ мекунад. Мубрамияти пажӯҳиши мавзӯи мазкур ба он вобаста аст, ки барои рушди мақомоти прокуратура дар марҳилаи кунунӣ, пеш аз ҳама, таҷрибаи пешқадами ватанию хориҷии аз ҷиҳати илмӣ асоснок, ислоҳоти минбаъдаи фарогири такмили низом, сохтор, ваколат, иқтидори кадрии он, ки ба пажӯҳиши асосноки илмӣ ниёзи аввалиндараҷа дорад, вобаста мебошад. Барои ҳалли ин вазифаҳо, муаллиф зимни пажӯҳиш фаъолияти ба идоракунии давлатӣ алоқаманди мақомоти прокуратураи ватанӣ ва дигар давлатҳо, танзими қонунии ваколатҳои онҳо, тартиб ва усулҳои пешбурди фаъолият, нақши маъмурӣ-ҳуқуқии дохилисохторӣ ва иртиботи онҳоро бо мақомоти ҳокимияти иҷроия, мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор додааст.

Қайд кардан зарур аст, ки рисолаи илмӣ дар ҳамин мавзӯъ бо ҳамин равиш дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ бори аввал анҷом дода шудааст. Қаблан, олимони ҳуқуқшиноси тоҷик бевосита оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур асарҳои бунёдӣ, монографӣ ё таҳқиқоти махсус нагузаронида бошанд ҳам, асарҳои дар Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои ИДМ мавҷудбударо муаллиф ҳамчун махзани назарияи ҳуқуқӣ, нуқтаи оғози консепсияи илмӣ дар таҳқиқот, аз ҷумла, дар пажӯҳиши мавзуъи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудааст.

Диссертатсия Давлатзода Ф.М. аз ҷиҳати сохтор: аз муқаддима, се боб ва 10 зербоб иборат бада ҳаҷми он 211 саҳифаро ташкил медиҳад. Мазмун ва муҳтавои диссертатсия, ягонагии дохилӣ, консепсияи ба мақсад ва вазифаҳои гузоштašудаи диссертатсия, тартиби масъалагузорӣ ва роҳҳои

ҳалли проблемаҳои унвонӣ гувоҳи медиҳад, ки рисолаи Давлатзода Ф.М., асари ба анҷом расонидашудаи илмии арзишнок ва мустақил мебошад, ки дар он масъалаи моҳиятан назарраси илмӣ ҳал карда шудааст.

Диссертатсия қаблан аз муҳокима ва натиҷагирии (апробатсияи) илмии кафедраи Ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии Донишгоҳи дустии халқҳои ФР (РУДН) соли 2019-2021 ва ду маротиба (16- декабри 2022 ва 17-феврали с.2023) мавриди муҳокимаи мутахасисони шуъбаи ҳуқуқи давлатии ИФСҲ АМИТ гардидааст.

Натиҷаҳои илмии ба дастовардаи муаллиф дар зербобӣ китоби монографии шуъба соли 2017, дар чор мақолаи маҷаллаҳои тақриз-шаввандаи КОА, як мақолаи тақризшавандаи сатҳи байналмилалӣ СКОПУС, дар ду маърузаи конфронси байналмилалӣ нашр гардидаанд.

Диссертатсия ба талаботҳои б. 31, 33,34 ва 35 Даструламали КОА оид ба тартиби додани унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ карда шудааст, мутобиқат менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло диссертатсияи Давлатзода Фаридҷон Мирзоалиро дар мавзӯи «Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; мурофиаи маъмурӣ, барои муҳокима ва таъин намудани тақризгарони холис ба Шурои олимони ИФСҲ АМИТ пешниҳод менамоям.

**Роҳбари илмӣ:** д. и. ҳ., профессор
мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии
Институти фалсафа,сиёсатшинсӣ ва ҳуқуқи
ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон **Иброҳимов С.И.**

Имзои Иброҳимов С.И.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа,сиёсатшинсӣ ва ҳуқуқи ба номи
А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон **Шозедов Х.Н.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Суроғаи ҷойи кор:** 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 19
**Тел:** +992 934 44 41 65
**E-mail:** soleh_52@mail.ru

22.02.2023